# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 11 марти соли 2021, таҳти №13**
**Дар бораи ба Иброҳимов Фурқатҷон Муродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Диссертатсия дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” санаи 3-юми декабри соли 2020, суратҷаласаи №20 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2020 с., №28) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Иброҳимов Фурқатҷон Муродович, соли таваллудаш 1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2014 факултети романию германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯйи ихтисоси забони фаронсавӣ (дараҷаи бакалавр) ва соли 2017 дараҷаи магистратураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ-ро аз рӯйи ихтисоси фалсафа хатм кардааст. Номбурда соли 2017 ба зинаи докторантураи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа дар назди шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ иҷро шудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз 29.09.2017, протоколи №7 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Кароматулло Олимов - академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Саид Нуриддин Саид** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ -** номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент С.С. Саидумаров имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи мазкур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қ.Қ. Давлатзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” ба бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои таҳқиқшавандаи диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович алоқамандии зич дорад.

Довталаб вобаста ба мавзӯи диссертатсия 5 маводи интишорӣ дорад, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нукоти асосӣ, натиҷа ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Рӯйхати интишороти довталаб дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Иброҳимов Ф.М. Анри Корбен файласуф, мусташриқ ва мутарҷими маъруф// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2017. - №1. (245) - С. 83-88.

2. Иброҳимов Ф.М. Анри Корбен аз назари муҳаққиқони тоҷик// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - Душанбе, 2018. - №1. (249) - С.44-48.

3. ИброҳимовФ.М. Рисолаи “Ҳай ибни Яқзон”-и Ибни Сино дар омӯзиши Анри Корбен// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - №2. - С. 180-183.

4. Иброҳимов Ф.М. “Рисолат-ут-Тайр”-и Ибни Сино дар таъбири Анри Корбен// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ. – Душанбе, 2019. - №1. – С. 60-65.

5. Иброҳимов Ф.М. Нигоҳе ба таҳқиқи Анри Корбен дар бораи Абӯнасри Форобӣ// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ. – Душанбе, 2020. - №1. – С. 122-128.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин ба шӯрои диссертатсионӣ такриз пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров **- Атоев А.М.;**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - **Абилзода Г.С.**;

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДДЗТ ба номи С.Улуғзода - **Маҷидов Д.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд, ки аҳамияти илмии диссертатсияро кам намекунанд. Эродҳо асосан ба васеътар баррасӣ накардани назари Анри Корбен дар бораи каломи Мотрудӣ ванорасогиҳои имлоиву техникӣ марбутанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- **бори нахуст** аз ҷониби муҳаққиқ осори фалсафии файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбен ба таври муназзам таҳқиқ гардида, иқтибосҳо аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума шудаанд;

**муаллиф зимни таҳқиқот ошкор кардааст**, ки Анри Корбен дар таҳлили баъзе масъалаҳо мавқеи шиъагароӣ дорад, хусусан дар мавриди назарияи тавҳид, имомат, таҳлили метафизикаи Ибни Сино, ки тасаввуроти нодурустро дар бораи таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино метавонад ба вуҷуд биёрад;

**нишон дода шудааст, ки** хизмати Анри Корбен дар ташвиқу тарғиби осори файласуфони тоҷику форс ва шиносоии файласуфони муосири Аврупо, аз ҷумла Реми Браг, Луи Гарде ва дигарон тавассути таҳқиқоти ӯ назаррас мебошад;

**собит карда шудааст**, ки андешаҳои Анри Корбен, ки Форобиро аз аҳли тасаввуф медонист, на пайрави машшоия, норуруст мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.**

Натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, барои таҳия кардани маҷмӯаи таълимӣ-методӣ, тавсияи илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо оиди фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва Ғарб мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон, маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаи бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, ки марбут ба масъалаҳои фалсафаи асрмиёнагии тоҷику форс ҳастанд, дорои аҳамият мебошанд.

**Маводи таҳқиқшуда,** натиҷа ва хулосаҳои бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафаи тоҷику форс ва Ғарб дорои аҳамият мебошанд.

**Дар раванди таҳқиқот** ба таври мушаххас дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф усулҳои муқоиса, санҷиш, герменевтика, воқеъбинӣ,мантиқият, таърихият мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки** ӯ дар муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, санҷиши манбаъҳои иттилоот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, муқаррар кардани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири иттилооти бадастомада, муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, тавсия ва хулосаи дар диссертатсия овардашуда, маҳсули таҳқиқоти мустақилонаи довталаб мебошад. Аз ҷумла, довталаб аввалин бор дар Тоҷикистон осори файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбенро ба таври муназзам таҳқиқ намуда, дар мавриди зарурат иқтибосҳоро аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума кардааст. Бинобар ин саҳми довталаб, ба ғайр аз таҳқиқи осори Анри Корбен дар тарҷумаи қисме аз асарҳои ӯ низ назаррас мебошад ва барои муҳаққиқони дигар метавонад ҳамчун манбаъ хизмат кунад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ 11-уми марти соли 2021 дар бораи ба Иброҳимов Фурқатҷон Муродович додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа қарор қабул кард.

Дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, иштироккунандагон аз 17 нафар узви доимии шӯрои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Ахмедов С.**

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **МуминовА.И.**
11.03.2021